*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8, синфхонаи 102.*
*E-mail: ds 6d.koa-004 @mail.ru*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асомуддини Рамазони Каримзода дар мавзӯи: «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст**

Афзалиятҳо ва самтҳои муосири рушди устувори соҳаи кишоварзӣ зарурати эҷоди механизми экологӣ-иқтисодии самараноки ташаккул ва истифодаи захираҳои заминро тақозо мекунанд. Бо ин мақсад идоракунии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади таъмини рушди устувор, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ кишвар, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос ёфтааст, аҳамияти хоса дорад.

Тағирёбии иқлим ва гурмшавии дар кураи замин ба соҳаи аграрии кишвар алал хусус зироаткорӣ таъсири калон дорад. Зеро қисми зиёди заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои аридӣ ҷойгиранд, ки дар фасли тобистон аз норасоии обҳо танқисӣ мекашанд. Дар автореферат муаллиф қайд намудааст, ки "соли 2022 дар саросари ҷумҳурӣ дар 18956 гектар заминҳои обёришаванда кишт нашуда, зиёда аз 18283 гектар заминҳо бинобар сабаби шуршавӣ ва бад шудани ҳолати мелиоративӣ аз гардиши кишоварзӣ берун баромадааст", ин тамоил метавонад дар самти дастраси ба маҳсулоти озуқаворӣ ва боло рафтани арзиши онҳо дар бозорҳои дохилӣ мушкили эҷод намояд. Вобаста ба ин, гузариш ба принсипҳои рушди устувор ва дар ин баробар истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ бо роҳҳи инноватсионӣ метавонад дар оянда соҳаи кишоварзии мамлакатро баланд бардорад. Ин ва дигар масъалаҳои овардашуда аз мубрамияти мавзуи интихобнамуда шаҳодат медиҳад.

Дар автореферат дараҷаи омӯзиши масъалаҳо хуб инъикос карда шуда қайд намудааст, ки "дар замони давлатдории Сомониён ба

масъалаи обёрии заминҳои кишоварзӣ диққати махсус дода мешуд, ки дар он давра аз ҷониби олимони шинохтаи форсу тоҷик Ал-Форобӣ, У. Кайковус, Абурайҳони Берунӣ ва дигарон оид ба усулҳои истифодаи замин корҳои назаррасе анҷом дода шуда буд" ин аз он гувоҳи медиҳад, ки тоҷикон дар самти истифодаи захираҳои табиӣ алалхусус заминҳои кишоварзӣ таҷрибаи бой дошта, ҳамеша роҳҳои навӣ беҳдоштии онро ҷустуҷу менамуданд.

Вазифаҳои гузошташуда ба навгониҳои он низ мутобиқ мебошад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузошташударо аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуда, роҳҳои баромадан аз онро дар раванди омӯзиш пешнишод намудааст. Навгониҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дар шароити имрӯза хело зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷабҳаи мусбати кор дар он аст, ки муаллиф дар боби аввали кори илмӣ дар расми 1 механизмҳои экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзиро гурӯҳбанди намудааст, ки ин метавонад дар раванди истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Ҳамзамон дар раванди тадқиқоти илмӣ муаллиф таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ба монандӣ: кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, ИМА, Чин, Ҷопон ва дигар давлатҳои омӯхта, самтҳои сармоягузорӣ ба рушди экологии соҳаи кишоварзӣ, обёрии заминҳо, гузаронидани чорабиниҳои мелиоративиро дар асоси таҷрибаи хориҷӣ пешниҳод намудааст.

Ҳамзомон дар автореферат арзёбии заминҳои кишоварзӣ, самтҳои идоракунии онҳои дар минтақаҳои обёришаванда, коҳишёбии заминҳо, аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳои кишоварзӣ, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, норасоии об дар давраи обёрӣ, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ гузаронида, самтҳои беҳтар намудани онҳо низ пешниҳод гардидааст.

Дар автореферат муаллиф комплекси механизмҳои кам кардани хавҳои экологиро дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ пешниҳод намудааст, ки дар он бо нишон додани механизмҳои дар шароити имрӯза актуалӣ овардааст. Ҳамзамон бо истифода аз модели регресионӣ арзёбиҳои иқтисодии ададҳо ва коэфитсенти *Алфа Кронбах* майян карда шуда, омилҳои аз гардиши кишоварзӣ баромадани заминҳо ва ба дигар мақсад истифода намудани онҳо нишон дадааст. Ҳамзамон самтҳои инноватсионии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, обёрӣ ва парвариши маҳсулот пешниҳод карда шудааст, ки рушди соҳаи кишварзӣ ва дар ин баробар даромаднокии корхонаҳои кишоварзиро дар давраи дарозмуддат таъмин менамояд. Зеро рушди минбаъдаи соҳаи аграрии

мамлакатро бе роҳандозии технологияи рақамӣ ва инноватсионӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Айни замон дар қаламрави ҷумҳурӣ бисере аз корхонаҳои кишоварзӣ технологияи инноватсиониро дар фаъолияти худ тадбиқ намуда истодаанд вале ин раванд бо суръати хело суст тадбиқ шуда истодааст.

Дар баробари ҷабҳаҳои мусбат, автореферат аз камбудиҳо орӣ нест:

1. Дар автореферат муаллиф таҷрибаи давлатҳои хориҷаро ба таврӣ зарурӣ ва пурра наомухтааст;
2. Муаллифро мебояд равандҳои рақамикунонии соҳаи кишоварзиро дар баробари ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дида мебаромад, зеро ин раванд ба аз ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд.

Камбудиҳои пешниҳодшуда хусусияти тавсиявӣ дошта ба сатҳу сифт ва мазмуни кори тадқиқоти таъсирӣ манфӣ намерасонад. Вобаста ба ин автореферат хусусиятҳои илмӣ-тадқиқотӣ дошта, хулоса ва пешниҳодҳо асоснок мебошанд.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Асомуддини Рамазони Каримзода дар мавзӯи: «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)" рӯи натиҷаҳои илмӣ-амалии худ ҷавобгӯйи талаботҳои банди 31, 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Асомуддини Рамазони Каримзода сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

Муқарриз:
Мудири кафедраи молия, бонк ва фаъолияти
гумрукии филиали МД "Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон"
дар вилояти Суғд (ш.Хуҷанд)
д.и.и., дотсент Шокиров Р.С.

Имзои Шокиров Р.С.-ро тасдиқ менамоям
Мутахасиси пешбари Раёсати кадрҳо ва
Корҳои махсуси ФДБССТС Абдуҷалилов Ҳ.Ҷ.